USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

imon international

# Фарах - 2018

ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ БОНУИ СОҲИБКОРИ СОЛ

# НАВИД

## Озмуни «Бонуи соҳибкори сол» - Ҷоизаи «Фараҳ-2018»

Дар рӯзи чашни муттафиқии Ҷаҳонии меҳнаткашон - 1 май қабули анкетаҳо барои иштирок дар озмуни Бонуи – соҳибкори сол Ҷоизаи «Фарах-2018» ба итмом расид. Дар муддати ду моҳ кори фаъол оиди маълумотдиҳӣ ва ҷалби занон амалӣ карда шуд. Ва акнун қабули аризаҳо ба охир расид. Зери рақами ягонаи бақайдгири ба базаи маълумотҳои Фарах 403 анкетаҳои пешниҳодшуда ворид карда шуданд. Ҷоиз ба қайд аст, ки дар байни иштирокчиёни озмуни «Фарах-2018» занон – соҳибкорони вилояти Хатлон хеле зиёданд, ки 60 % аз шумораи умумии иштирокчиёнро ташкил медиҳанд.

Дар ибтидои моҳи майи сол комиссияи экспертии озмун баҳогузории анкетаҳои қабулшударо гузаронид. Ҳар як анкета сараввал аз ҷониби экспертони вилояти Суғд, сипас аз ҷониби экспертони боқимондаи шаҳри Душанбе баррасӣ, мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода шуд. Ҳангоми баҳогузории анкетаҳое, ки тиҷорати иштирокчиёни озмунро тавсиф менамоянд, экспертон ба чунин меъёрҳо таваҷҷӯҳ намуданд: номи нек (дурусткории мизоҷон, ақидаи мусбии ҷамъиятӣ), ояндадор будан ва рушди стратегии тиҷорат, ҳаҷми маблағгузорӣ дар тиҷорат, устувори молиявии тиҷорат, динамикаи рушди тиҷорат, бобарории модели тиҷорат, ҷиҳатҳои беҳамтоӣ ва пурқуввати он, чандирӣ ва саривақтии аксуламал ба тағийроти вазъи бозор, дараҷаи аҳамиятнокии тиҷорат барои ҷамъияти маҳаллӣ аз нуқтаи назари ҳалли масъалаҳои машғулият, созмон додани ҷойҳои корӣ, пардохти маблағҳои ҷудошудаи андоз, расонидани кӯмакҳои сарпарастӣ ва хайриявӣ ва дигарҳо.

Баъди омӯзиши бодиққат ва баҳогузории анкетаҳо, ба марҳилаи дуввуми озмун 94 иштирочӣ аз шаш номинатсияҳо гузаштанд.

Айни замон дар доираи марҳилаи дуввуми озмун аъзоёни комиссияи экспертӣ пурсиши телефонии иштирокчиёни марҳилаи дуввумро мегузаронанд. Барои гузаронидани натиҷаҳои сӯҳбатҳои телефонӣ дар маҷлиси навбатӣ, экспертон номи иштирокчиёни нимниҳоии озмуни «Фарах-2018» -ро муайян менамоянд, ки мо онро ба шумо дар вақтҳои наздиктарин мерасонем.

ADB · IMON · durandesh · NICE-TAK · Media group/Tajikistan ASIA-Plus · Tcell · Бочу Хироч · Қолинҳои Қайроққум · Шаҳри ман · Пайванд радио 100.6FM · Таҷрибаи пешқадам дар бизнес ва молия / Business and Finance Excellence · Озара